**Тақризи**

муқарризи расмӣ – Бозоров Хушвахт ба диссертатсия ва автореферати Ализода Нусратулло Убайдуло дар мавзуи “**Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ** ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Моҳият ва муҳиммияти мавзуъ.** Рушди фаъолиятнокӣ ва худфаъолияткунии таълимгирандагон, қобилияти онҳо барои ба даст овардани навгонӣ ва муваффақиятнок ҳал кардани мушкилоти ҳаётӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд ёфтани иқтисоди бозорӣ ва гузариши мамлакат ва ҷамъияти иттилоотӣ хеле мубрам горди- дааст. Дастпарварони муассисаҳои таълимӣ, ки дар асри XXI кору фаъолият мекунанд, бояд ба шароити рӯзгори муосир дар давраи ҷаҳонишавӣ мутобиқ шуда, ба таври мустақилона фикр ва амал карданро омӯзанд. Дар синну соли наврасию ҷавонӣ фаъолияти таълимӣ ва таълими касбӣ пешбаранда ҳисоб мешавад, чунки дар ин давра инсон ҳамчун шахсият ташаккул ва рушд меёбад.

Масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мусткилонаи хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ ба ташкили ҳамкории педагогӣ диққати асосӣ дода, баҳри аз бар кардани дониш, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълимгирандагон ва амалиёти мустақилонаи онҳоро дар назар дошта, ба пешравии хонандагон дар сатҳи баланди фаъолияти мустақилона ёрӣ мерасонад.

Диссертант мубрамияти мавзуъро дар он мебинад, ки яке аз омилҳои ба талабот ҷавобгӯ набудани низоми таълим дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди дарс кам таваҷҷуҳ кардани омӯзгорон ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи талабагон арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқ тавассути таҷриба ва мушоҳидаҳо,

далелу аснод собит намудааст, ки омӯзгорон ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи талабагон дар раванди дарс ва берун аз он диққати ҷиддӣ надода, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагон ба назар гирифта намешаванд.

Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки муваффақиятнокии ин фаъолиятҳоро аз бисёр ҷиҳат мазмун ва шароити баамалбарории ҷараёни таълиму тарбия таъмин мекунад. Дар ин ҳангом барои ҳосил кардани малака, маҳорат, вазифаҳои таълимӣ ва дастурдиҳӣ лозиманд, то ки хонанда мустақилона фаъолият намуда, зери роҳбарии омӯзгор супоришҳоро дилпурона иҷро намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ аз диди пажуҳишгарони дохилӣ ва хориҷӣ.** Диссертант андар мавзуи пажуҳиши хеш фикру андешаҳои олимони соҳаи таълиму тарбияро дар миқёси ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор дода, хулоса ва натиҷабардории шахсии худро низ ба миён гузоштааст, ки қобили қабул аст. Дар раванди пажуҳиш хидматҳои нахустин олимону арбобони соҳаи таълиму тарбияро дар солҳои 30 - 40 – ум корҳои Е.Я. Голанд, солҳои 50-60-ум таҳқиқоти А.П. Аристова, М.Н. Данилов, М.Н. Скаткин ва дигарон арзёбӣ намудааст. Таҳқиқи мавзуъ аз диди пажуҳишгарони Ватанӣ,махсусан дар корҳои олимони маъруфи соҳа, аз ҷумлаи Лутфуллоев М, Ф. Шарифзода, Қ.С. Абдураҳимов, Ҷ. Шарифов, С. Холназаров ва дигарон ин масъала дида баромада шудааст. Лекин бо вуҷуди таҳқиқоти нисбатан васеъ ҳанӯз ҳам мушкилоти баҳсангез ҷой дорад, зеро дар онҳо бисёртар мушкилоти фаъолияти мустақилонаи хонандагон дида баромада шудааст.

Ӯ аз таҳлилҳо ва ҳаллу фаслҳо мухолифатҳои зеринро муайян мекунад:

- байни хусусиятҳои бисёрвазифагии раванди таълиму тарбия, ҳамчун ҳодисаи иҷтимоии ҳаёт ва коркарди нопурраи илмӣ –педагогии

асосҳои назариявӣ- методологии баамалбарории фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон;

-байни ҳодисаҳои мавҷудаи иҷтимоии ҳақиқии объективие, ки фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ҳамчун пешбарандаи маҷмуи маълумоти интегративӣ ва набудани низоми пурра дар баамалбарории ин раванд;

- байни мақсадҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки ба дигар шудани парадигмаи таълими умумӣ ва то андозаи лозим набудани тасаввурот дар бораи ин раванд дар даврai ҳозираи таълими ватанӣ вобаста мебошад ;

**Фарзияҳое, муҳаққиқ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.** Диссертант баҳри самаранокии раванди ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тахминҳои зеринро зарур мешуморад:

1.Ҷудо намудан ва маълумот додан дар бораи асосҳои назариявӣ, аниқ кардани маҳфумҳои дастгоҳи таҳқиқотӣ, ҷудо кардани давраҳои фаъолияти мустақилияти шахсият дар таҳқиқоти педагогӣ;

2.Таҳия ва дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ собит сохтани саҳеҳии низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ;

3.Мушаххас кардан ва ироаи ахбор роҷеъ ба омилҳое, ки ба тавсеаи фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариши воҳидҳои таълимӣ мусоидат мекунанд.

**Падидаҳои навине, ки аз таҳқиқот бармеоянд:**

- пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

-сохти муҳтавоӣ ва вазифавии педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

- низоми педагогии таҳиякардашуда маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайякунандаи ягонагии мустаҳкаму мукаммале мебошад, ки барои расидан ба ҳадаф ва вазифаи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

-асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустакилонаи таълимгирандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад.

**Муҳтавои асосии диссертатсия**. Диссертатсия бидуни муқаддима ва таркиби ҷузъу томи он аз се бобу 7 зерфасл, хулоса ва натиҷаҳо таркиб ёфтааст. Муаллиф саъю кӯшиш намудааст, ки дар ин фаслу зерфаслҳо усулу роҳҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди баррасӣ қарор бидиҳад.

Диссертант ба дараҷа ва савияи дарку фаҳмиши худ моҳияти педагогӣ, психологӣ ва методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо пешниҳодҳои муфид ва судманд баррасӣ кардааст.

**Дар бобҳои якум ва дуюми кор муҳаққиқ** бештар ба ҷанбаҳои шакл, намуд ва мазмуни фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ изҳори назар кардааст.

Диссертант дар боби якум “Заминаҳои таърихии масъалаи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон чунин қазоват менамояд: “Дигаргуниҳои азиме, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайваста истодаанд, баёнгари он мебошанд, ки кишвари азизи мо Тоҷикистони соҳибистиқлол ба марҳалаи рушди навин ворид гардидааст. Бо итминон ва боварии комил гуфта метавонем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зери роҳбарии хирадмандона ва

маорифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қуллаҳои баланди тараққии худ расида, тамоми монеъаҳои мавҷударо паси сар хоҳем кард."

Боби сеюми диссертатсия - "Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва натиҷаҳои ниҳоии онҳо" ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфта, ба масоили коркарди сохтори низоми педагогӣ ва муайян намудани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон бахшида шудааст.

**Чанд андешаҳои муҳимме, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад:**

-Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, ки ақидаи аввалин, мақсад, вазифа, қонуният, принсипҳо, мазмун, технологияи амалӣ кардани ин равандро дар бар мегирад.

Низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки фаъолияти таълимӣ мебошад, роҳи инноватсионии амалӣ кардани маҷмуи шароитҳои педагогии раванди таҳқиқшавандаро кушода медиҳад.

-Чунин низоми педагогӣ, ки аз маҷмуи сохтории ба ҳам алоқаманд ва қисмтаҳои функсионалию ягонагии мустаҳками том иборат аст ва мақсаду вазифааш баланд бардоштани сатҳи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад.

-Меъёрҳо (мотиватсионӣ-иродавӣ, тезчанголӣ ва раванднокӣ) ва нишондодҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муасссисаҳои таълимӣ.

-Маҷмуи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ки дар ин раванд истифода кардани имкониятҳои инноватсионии муассисаҳои таълимӣ, идораи раванди таълиму тарбия талаб дорад ва ҳоказоро дар бар мегирад.

Автореферати диссертатсия ба мазмуну мундариҷаи рисола ва банду басти таркиби бобҳои он комилан мувофиқат ва мутобиқат менамояд. Маҷмуи мақолаҳое, ки муаллиф дар давоми солҳои пажуҳиш дар маҷаллаву баёзҳо мунташир сохтааст, муҳтавои рисоларо собит менамоянд.

Диссертатсия ва автореферати Ализода Нусратулло Убайдуло дар маҷмуъ, тариқи мусбат арзёбӣ гардида, дар радифи он баъзе норасоиҳои ҷузъии онро низ бояд зикр намуд:

1. Дар баъзе ҷойҳои диссертатсия тартиби нишон додани иқтибос риоя нашудааст. Масалан дар саҳифаи 23-и диссертатсия иқтибос аз Ф.Бекон оварда шудааст, аммо фикри педагог дар нохунак гирифта нашуда, рақами тартиби адабиёт риоя шуда, саҳифаи иқтибос нишон дода нашудааст;

2. Дар матни автореферат баъзан калимаҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки барои фаҳмидани мазмуни он луғат лозим мешвад. Масалан, дар саҳифаи 19 калимаҳои макдур, сук, боястӣ, авомили, сароҳат, саҳифаи 23 нудрат, саҳифаи 24 иртиқо, саҳифаи 28 зинафъ, басиҷ, васати, риволи ва монанди инҳо оварда шудаанд.

3. Дар дисертатсия ва автореферати он маводи баъзе расмҳо ва ҷадвалҳо мувофиқат намекунанд. Дар саҳифаи 129-и диссертатсия расми 2 оварда шудааст. “Фаъолиятнокии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар давраи аввали озмоиши педагогӣ аз рӯйи меъёрҳои алоҳида” пешниҳод гардидааст. Аммо дар расм меъёрҳо нишон дода нашудааст. (масалан, фаъолиятнокӣ дар дараҷаи нораво, паст, миёна, баланд). Ҳамзамон, дар расми 1 дар саҳифаи 27 автореферат ва дар саҳифаи 128-и диссертатсия пешниҳод гардидааст, аммо маълумоти хаттие, ки дар ин саҳифаҳо доир ба расми 1 пешниҳод гардидааст, ба рақамҳои дар автореферат ва диссертатсия пешниҳодгардида мувофиқат намекунанд.

Эродҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро коста нахоҳанд кард. Арзиши илмӣ ва сатҳи пажуҳишии рисолаи таҳқиқотии анҷомпазируфта арзанда буда, муҳиммияти мавзуъ, навгониҳо, дастовардҳо ва дастуру пешниҳодҳо онро собит хоҳад кард.

Ба андешаи мо, рисолаи номзадии Ализода Нусртулло Убайдулло дар соҳаи 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот саҳми назаррас дорад.

Диссертатсия ва автореферат комилан ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он – Ализода Нусртулло Убайдулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими
онҳои Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Бозоров Хушвахт

26.12.2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
С. Сафаров 16. Тел.: (992) 985 56-41-21

“Имзои Бозоров Хушвахтро тасдиқ мекунам”.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.
26.12.2025